## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии якум ба диссертатсияи номзадии Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология). Душанбе, 2024.**

Ҷашну тақвим ва маросимҳои миллии тоҷикон дар тӯли таърих таҳаввулотро паси сар намуда, то ба замони мо расидаанд. Диссертатсияи унвонҷӯ Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна вобаста ба мавзуи мазкур навишта шуда, аҳаммияти муҳими назариявию амалӣ дорад.

Маводи диссертатсия муайян менамояд, ки нақши ҷашнҳо, маросиму анъанаҳои мардумӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти гузашта ва имрӯзаи тоҷикон ниҳоят калон буда, омӯзиши таърихи он аз аҳаммияти назариявию амалӣ холӣ нахоҳад монд ва бо ҳамин тарз ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон ва инкишоф додани туризми этнографӣ, этнолингвистикӣ, этномаданӣ дар минтақаҳои гуногуни мамлакат аз аҳаммият холӣ нахоҳад монд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсия дар мавзуи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия** аз он иборат аст, ки хусусиятҳои хоси этнографии тоҷикони рушонӣ, хусусан ҷашну маросимҳои онҳо то имрӯз дар илми тоҷик омӯхта нашудааст. Инчунин эҳё намудани ҷашну маросимҳои миллӣ яке аз иқдомҳои фарҳангии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, аз ин лиҳоз таҳқиқоти илмии диссертант мутобиқи талаботи сиёсати ҳокимияти мамлакат мебошад.

Ҳамин тавр, омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ - анъанавии тоҷикони Рушон бе баҳс мавзуи мубрам мебошад ва он имконият медиҳад, ки тамоми

сарчашмаву маводи илмӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар доираи як диссертатсия ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шаванд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ** аз таҳлил намудан ва омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон, муайян намудани сатҳи дигаргуншавӣ дар қайдкунии ҷашнҳо ва гузарондани маросимҳои мардумии рушониён иборат мебошад.

**Асоси методологии таҳқиқи мазкурро** таҳлили маълумоти этнографӣ ташкил медиҳанд, ки дар ҷашнҳо ва расму маросимҳои тақвимии тоҷикони Рушон инъикос ёфтаанд. Дар таҳқиқи мавзуъ аз усулҳои этнографӣ, махсусан, усули статсионарӣ, мушоҳидавӣ, пурсуҷӯйӣ, усули таҳқиқи саҳроӣ, муқоисавӣ-функсионалӣ ва ғайравасеъ истифода гардида диссертант мафҳуму вожаҳои забони рушониро дар диссертатсия бо транскрипсияи эроншиносии байналмилалӣ овардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд** аз он иборат аст, ки бори аввал дар таърихнигории тоҷик ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба дифоъ пешниҳод гардидаанд, илман асоснок мебошанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Ҳисоби вақт ва идҳои тақвимӣ-анъанавӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум **«Маълумоти таърихӣ - ҷуғрофӣ оид ба Рушон»** оид ба таърих ва ҷуғрофияи Рушон маълумот дода мешавад.

Дарзербоби мазкури диссертатсия оид ба таърих ва ҷуғрофияи Рушон маълумоти муфассалтар дода шудааст. Диссертант дар асоси маълумоти маъхазҳои дасти аввал ҷуғрофия, таърихи сиёсӣ, забону гуфтор, хусусияти хоси этнографии тоҷикони рушонӣ, маориф фарҳанг ва шуғли анъанавии давраи тоинқилобиро миёни муаррихон бори нахуст шуда, таҳқиқ намудааст. Инчунин дар зербоби мазкур оид ба Рушон дар ҳайати аморати Бухоро, генерал-губернатории Туркистони Россия маълумоти дақиқ оварда шудааст.

Диссертант менависад, ки дар солҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ Рушон аввал ба ду волост (баъдтар ноҳия): Рушон ва Бартанг ҷудо карда шуд ва боз дар як ноҳия бо номи Рушон муттаҳид гардида, имрӯз низ яке аз ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Тақвими тоҷикони Рушон»** масъалаи тақвимҳои мардумии тоҷикони Рушон баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки рушониҳо низ мисли тоҷикони бархе минтақаҳо тақвими махсуси худ – ҳисоби вақт аз рӯи қисмҳои бадани одам доранд, ки он бо ҳаракати солонаи офтоб асос ёфтааст. Вақтро аз рӯйи ҳаракати офтоб ва мавсиму ҳастии хоҷагидорӣ муайян мекарданд.

Хулоса, дар ҳаёти кишоварзону чорводорони Рушон тақвим нақши асосӣ бозӣ карда, тамоми расму маросим, ҷашн ва анъанаҳои рушониён тибқи он сурат мегирад.

Дар зербоби сеюми боби аввал **«Ҷашну идҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои онҳо»** идҳои анъанавии тоҷикони Рушон таҳқиқ гардидаанд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки ҷашни якуми тақвимии рушониён «Офтоб дар мард» бо ҷашни қадимаи Сада рост меояд. Мазмуни ин ҷашн минатдорӣ, арзи сипос ба соли рафта истода баҳри он ки давраи душворӣ паси сар шуд, иборат мебошад.

Ҷашни дуюм Батаём мебошад, ки дар Рушон соли нав ҳисоб мешуд. Дар ин ҷашн одамон ба хабаргирӣ ва муборакбодӣ ва меҳмонии ҳамдигар рафта, тухфаҳо тақдим мекунанд. Наврӯзро низ бо тантанаъ ҷашн гирифта, баробари ҷашнҳои мардумӣ боз рушониҳо идҳои мусулмонӣ – Рамазон ва Қурбонро қайд менамоянд.

Хулоса, аз таҳлили зербоби мазкур муайян мегардад, ки дар Рушон ҷашнҳои анъанавӣ ва мазҳабиро бо хусусияти хоси маҳаллӣ ҷашн мегиранд.

Боби дуюми диссертатсия **«Ҷашну маросимҳо вобаста ба хоҷагидорӣ»** унвон дошта, аз ду параграф таркиб ёфтааст.

Зербоби аввали боби дуюм **«Ҷашну маросимҳои кишоварзӣ»** ном дошта, дар он ҷашнҳои кишоварзии рушониён таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки яке аз ҷашнҳои кишоварзони рушонӣ тухмибарорӣ мебошад. Дар ин ҷашн пеш аз кишту кор ба ҳомии зироатчигӣ «Бобои деҳқон» муроҷиат менамоянд. Мавсими фарорасии кишту корӣ баҳорӣ мужда мерасонд. Он дар арафаи Наврӯз дар ҳар як маҳаллаи деҳот таҷлил мегардад. Оғози кишт дар ҳаёти кишоварзи рушонӣ санаи махсус аст ва он бо маросими махсус ҷашн гирифта мешавад.

Дар Рушон Наврӯзи тирамоҳ – рӯзи эътидоли тирамоҳии офтоб (21 – 22 сентябр)-ро ҳам ҷашн мегирифтанд. Наврузи тирамоҳ ҳамон ҷашни Меҳргон мебошад, ки дар Рушон таҷлил карда мешуд.

Хулоса, дар баргузории ҷашну маросимҳои кишоварзӣ муайян намудани вақту соат нақши асосӣ бозӣ кардааст.

Дар параграфи дуюми боби дуюм **«Ҷашнҳо, урфу одат ва маросимҳои чорводорӣ»** расму русум ва одатҳои чорводории сокинони Рушон таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки баробари кишоварзӣ дар ҳаёти рушониён чорводорӣ низ нақш дошта, ҷашну маросимҳои махсуси соҳаи мазкур амал мекарданд. Масалан ба айлоқ гусел кардани рамаву пода як ҷашни алоҳида ба ҳисоб рафта, он хусусияти занона дорад. Аз айлоқ баргаштани чорво низ ҷашн гирифта шуда, зиёфат медоданд.

Хулоса, чорводорони рушонӣ низ ҷашну маросимҳои хоси худро дошта, дар айни замон баъзе аз расму оин ва маросимҳои қадима қариб моҳияташро гум карда, аксарияти маросимҳо вобаста ба он иҷро намешаванд ё аз байн рафтаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Маросимҳои доираи ҳаётии мардуми Рушон»** ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм доир ба **«Ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ бо таваллуд ва тарбияи кӯдак»** маълумот оварда шудааст.

Аз мазмуни зербоби мазкур муайян мегардад, ки баъди се рӯзи таваллуди кӯдак вақти муҳим аст, ки тифл ва модари ӯро аз ҳар гуна қувваҳои бадӣ ҳифз намоянд. Танҳо баъди анҷоми серӯзагӣ модар ва кӯдакро оббозӣ медароранд. Маҳз аз ҳамин номи маросими ҷашнии «kalzined (шуштани сар)» гирифта шудааст. Ҷашну маросими дигар ин «гаҳворабандон» мебошад, ки он ҳодисаи муҳим дар ҳаёти ҳар инсон ба ҳисоб меравад. Маросими дигар ин бори нахуст «тарошидани мӯи сар»-и кудак мебошад, ки он дар вақти як солагиро пур кардани кӯдак доир карда мешавад. Ҷашни дигар, ки он бо тантанаъ қайд мегардад, ин хатнасур мебошад.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия **«Маросимҳо вобаста ба никоҳ ва тӯй»** расму русуми рушониён оид ба никоҳ ва сур баррасӣ гардидааст.

Диссертант менависад, ки маросими тӯйи рушониён низ аз иҷро намудани чанд силсилаоину расм иборат мебошад. Якум бояд ба синну соли никоҳӣ аҳаммият дод. Давраи дуюмро дар маросими тӯй расми хостгорӣ иҷро менамояд. Дар Рушон пеш аз он ки ба хостгории арус раванд волидайни тарафайн машварат мекарданд.

Ҳамин тариқ, давраи асосии маросими мазкур базми сурона фаро мерасад. Тӯйи рушониён бо гирифтани риши шоҳмард оғоз гардида, ин расмро хондани сурудҳои анъанавии «сартарошон» ҳамроҳӣ мекард. Аммо имрӯз дар Рушон хондани суруди саратрошон аз байн рафта, он иҷро намешавад. Баъди иҷрои ин маросим домод подшоҳ ҳисобида мешуд.

Маросими хондани хутбаи ақди никоҳ низ хусусиятҳои хоси худро дорад. Баъди бастани ақди никоҳ, халифа соати некро барои баргаштан ба хонаи домод интихоб намуда, онро муайян менамояд.

Хулоса, дар баргузории маросимҳои тӯёнаи рушониҳо муҳиммият доштани интихоби рӯзи нек, вақту соат барои рӯзи тӯй ва бастани ақди никоҳ, ҷиддан риоя намудани тақсимоти вақти муайяни рӯз барои бастани никоҳ, ҳатмӣ будани розигии тарафайн ҳангоми бастани ақди никоҳ шарт будааст.

Дар зербоби сеюми боби сеюм **«Маросимҳои марг ва азодорӣ»** расму русум вобаста ба марг ва азодории мардуми Рушон маълумот дода мешавад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар Рушон ниҳоди махсуси мурдашӯён ва ниҳоди навҳагарӣ дар ҳаққи марҳум вуҷуд надорад. Ин амалҳоро хешони наздик иҷро менамоянд. Дар шаби дуюм баъди дафн одамон дар хонаи марҳум барои маъракаи «чароғравшан» ҷамъ мешаванд. Дар давоми се рӯз дар хонаи марҳум таом намепазанд ва дар давоми аз як то ду сол дар ин хона тӯю маъракаҳои дигар гузаронида намешавад. Рӯзи чилум худоии марҳумро медоданд.

Диссертант менависад, ки маросими дафнии *poyamol* дар Рушон дар дараҷаи азбайнравӣ қарор дошта, расми ёдбуди давраи ҳаётӣ бошад имрӯз аз байн рафтааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаи асосии таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф нишон дода шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаллифи диссертатсия овардааст, дар асоси маъхазҳо, таҳқиқи саҳрой ва адабиёти илмӣ буда, онҳо муайян менамоянд, ки диссертатсия натиҷаи таҳқиқи муаллиф ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудаанд. Нуктаҳои илмӣ ва хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо принсипҳои таҳқиқотии илми этнография мувофиқ ва хислати навгонӣ доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** аз он иборат аст, ки дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ, фикру андешаҳои диссертант оид ба ҷанбаҳои муҳимми ҷашну маросимҳои тоҷикони кӯҳистон барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқиқотҳои оянда дар самти омӯзиши таърих ва этнографияи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард. Маводи диссертатсия дар эҳё намудани фарҳанги этникии тоҷикон ва барои олимону муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таърих ва этнографияи тоҷикон хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқиқро инчунин, дар раванди таълими фанҳои мардумшиносии тоҷик, таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи

тоҷик, фарҳангшиносӣ ва навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба соҳаҳои мазкур, метавон мавриди истифода қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи унвонҷӯ Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна ба талабот ва меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Албатта ба мисли дигар корҳои илмӣ диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна низ аз камбудию норасоиҳои ҷузъӣ холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти саҳроӣ васеъ истифода гардидааст, ки қимати илмии онро баланд мебардоранд, аммо боз хубтар мешуд, ки иҷро ва қайд кардани ҷашну маросимҳо миёни сокинони ноҳияи Рушон ва рушониҳоe, ки дар замони Шӯравӣ ба ноҳияҳои Дустӣ ва Ҷайҳун муҳоҷир карда шуданд, муқоиса мегардид.

2. Муаллифи диссертатсия маросимҳо вобаста ба тӯйи арӯсиро пурра нишон додааст, аммо матни сурудҳои тӯёнаи рушониҳоро инъикос накардааст.

3. Беҳтар мебуд, ки Наврузи тирамоҳ (Меҳргон) на дар зербоби аввали боби дуюм «Ҷашну маросимҳои кишоварзӣ», балки дар зербоби сеюми боби аввал «Ҷашну идҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои он» инъикос мегардид.

4. Аз мазмуни диссертатсия бармеояд, ки баъзе ҷашну маросимҳо (масалан, чоршанбе сур, поямол) ё аз байн рафтаанд ё дар ҳолати азбайнравӣ қарор доранд, барои ҳамин ба фоидаи кор мебуд, агар дар диссертатсия тарзи иҷро, моҳияту мазмуни онҳо аз даҳони солхӯрдагон васеътар инъикоси худро меёфтанд.

5. Дар баъзе ҷойҳои матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо чунин намуд эродҳо хусусияти тавсиявию зудислоҳшаванда буда, ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд. Муаллиф ҳангоми

навиштани диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии худро пурра иҷро кардааст.

**Хулоса,** диссертатсияи унвонҷӯ Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи ***«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»*** дар асоси таҳлили илмии маъхазҳои хаттӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ ва таҷрибавии диссертант пешниҳод шуда, он ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**сарходими илмии шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, доктори илмҳои таърих** **Қабилова Б. Т.**

*Имзои Қабилова Б. Т. -ро тасдиқ мекунам:*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г. Қ.**

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

«20» 05 **2024**

**Суроға:** 734025 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ
Телефон: (992) (372) 221 37 42; 93 5142077
E-mail: bahri60@mail.ru